**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ)**

Забони тоҷикӣ яке аз забонҳои бою ғанӣ маҳсуб ёфта, барои ҳифозати таърих, фарҳанг, санъат ва анъанаҳои миллати тоҷик шароити мусоидро фароҳам меорад.

Бойгарии ҳар як забонро маҳз таркиби луғавии бой ва қабатҳои услубии он ташкил медиҳад. Пӯшида нест, ки таркиби луғавии забон дар ҳама давру замон аз ҳисоби шеваю лаҳҷаҳо такмил меёбад. Забони тоҷикӣ низ аз ҷумлаи он забонҳоест, ки аз ҳисоби шева ва лаҳҷаҳои маҳаллӣ ба таври густурда баҳра бурдааст.

Автореферати диссертатсияи номзадии Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» ба масъалаи мубрам бахшида шуда, аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқии истифодагардида иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия фарогири 161 саҳифаи чопи компютерӣ мебошад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки қазияи маҳфуз мондани унсурҳои луғавии дар «Ғиёс-ул-луғот»-и Ромпурӣ зикрёфта дар лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ то ҳол ба таври комил мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, мавриди муқоиса қарор додани калимаву таркиб ва ибораҳои фарҳангномаи мазкур бо маводи лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ яке аз масоили мубрами забоншиносии муосири тоҷик ба шумор меравад.

Ба риштаи таҳқиқ кашида нашудани робитаи унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии "Ғиёс-ул-луғот" бо лаҳҷаҳои имрӯзаи ҷанубиву шимолии тоҷикӣ муайянкунандаи мақсаду вазифаҳои диссертатсияи мазкур маҳсуб мегардад. Пойдормонии калимаву таркиб ва ибораҳои муқаррариву рехтаи "Ғиёс-ул-луғот" дар лаҳҷаҳои муосири номбурдаи тоҷикӣ водор мекунад, ки усулҳои маҳфузмонии онҳо ба таври комил аз назари таҳлил гузаронида шаванд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот дар он инъикос мегардад, ки дар диссертатсия нахустин маротиба дар асоси маводи яке аз муътабартарин луғатномаҳои қарни XIX робитаи унсурҳои луғавии он бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

Боби якуми диссертатсия – Муносибати Муҳаммад Ғиёсуддин ба унсурҳои лаҳҷавӣ» се фаслу ду зерфасл иборат мебошад. Дар боби мазкур диссертант дар навбати аввал назари Ромпуриро доир ба унсурҳои лаҳҷавӣ ва ба кадом маҳал ва минтақа тааллуқ доштани онҳоро маврди омӯзишу таҳқиқи ҳамаҷониба қарор дода, барои амиқу дақиқ муайян намудани макони зуҳуру мабдаи пайдоиши ин ё он урсурҳои луғавӣ муаллиф ба фарҳангномаву луғатномаҳои муътамаду умедбахш такя кардааст. Дар баробари ин вобаста ба мазмуну муҳтаво ва сохти грамматикии онхо андешаҳои шахсии худро низ возеҳу равшан баён кардааст. Сипас мавридҳои истифодаи вожаҳои лаҳҷавиро дар «Ғиёс-ул-луғот» ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Ҳангоми таҳлилу баррасӣ диссертант истифодаи вожаҳои лаҳҷавиро ҳамчун унсури эзоҳдиҳанда дар «Ғиёс-ул-луғот» нишон дода, ҷойгоҳ ва дараҷаи истифодаи вожаҳои лаҳҷавиро аз ҷониби муаллифи луғати мазкур шарҳу тавзеҳ додааст. Ба диссертант муяссар шудааст, ки дар баробари таҳлилу таҳқиқ кардани воҳидҳои фразеологии маъмул воҳидҳои фразеологиеро низ муайян кардааст, ки барои забони адабии имрӯзаи тоҷик бегона аст. Яке аз чунин ибораҳо бинии кӯҳ аст, ки Ромпурӣ онро баромадагии сари кӯҳ эзоҳ додааст (с. 11).

Боби дуюми диссертатсия «Муқоисаи вожаҳои қадими эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» ном дошта, ба таҳлили пойдормонии унсурҳои луғавии бостонии ба ҳамон шакли дар “Ғиёс-ул-луғот” мустаъмал, инчунин боқимонияшон ба гунаи таҳаввулёфта ё бо дигаргунии маъно бахшида шудааст. Дар ин қисмати кор муаллиф вожаҳои эрониасли «Ғиёс-ул-луғот»-ро бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубию шимолии муосири тоҷикӣ муқоиса намуда, аз рӯйи тарзи истифода, доираи маъно ва мавриди корбурдашон гурӯҳҳои алоҳида дастабандӣ намудааст (с.12). Зимни гурӯҳбандӣ диссертант маводи зиёдро бо луғати мавриди назар муқоиса намуда, натиҷаҳои нави илмиро ба даст овардааст.

Боби сеюми диссертатсия – “Муқоисаи вожаҳои иқтибосии «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» ба муқоисаи калимаҳои иқтибосшудаи ҳиндӣ, арабӣ ва туркӣ бо лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ бахшида шудааст. Диссертант барои ба таври амиқу дақиқ нишон додани пойдории калимаҳои иқтибосшудаи забонҳои фавқуззикр дар «Ғиёс-ул-луғот» фаслҳои алоҳида бахшидааст. Зимни таҳқиқ, баррасӣ ва тахлили фаслҳои мазкур устуворӣ ва мондагории калимаҳои иқтибосии «Ғиёс-ул-луғот»-ро дар лахҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ нишон дода, фарқ, тағйироту

тобишҳои гуногуни маъноӣ, монандӣ ва шаклҳои нави онҳоро баён кардааст.

Хулосаи кори илмӣ ҷамъбасти тамоми бобҳои диссертатсия махсуб ёфта, муаллиф дар 32 банд фикрҳояшро ҷамъбаст намудааст.

Ба ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки муаллифи автореферати диссертатсия дар иншо намудани кор ба тамоми мақсаду ҳадафҳои дар пеш гузоштааш бо сарбаландӣ расидааст.

Дар автореферати диссертатсия дар баробари муваффаққиятҳои зиёде баъзе камбудиҳо ба назар расиданд:

1. Дар автореферати диссертатсия баъзе калима ва ҷумлаҳои таҳрирталаб ба чашм расиданд [с.3, 8, 11 ].

2. Автореферати диссертатсия аз ғалатҳои имлоӣ, аломатгузорӣ орӣ нест [с. 4, 5, 6, 12, 19].

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои ҷойдошта қимату арзиши автореферати диссертатсияро намекоҳанд ва ислоҳшавандаанд.

Автореферати диссертатсия Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович кори илмии бaанҷомрасида буда, унвонҷӯ ҳадафҳои дар наздаш гузоштаро пурра анҷом додааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии моварочннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои филология, муаллими
калони кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Амлоев Аминҷон Ятимович

**Нишонии муассиса:**
734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода 30
Тел: +9929 (44) 620 42 12
**Нишонии саҳифаи расмӣ:**
amloev @ mail. ru
Тел: (+992) 917 58 77 78

Имзои Амлоев А.Я.-ро
тасдиқ мекунам:
/Сардори ШК Раҳимов А. А.

ОТДЕЛ КАДРОВ

25.01.2023